Ҳар кас ҳангоми шунидани азон бигӯяд: Аллоҳумма рабба ҳозиҳид-даъватит-томмаҳ вас-салотил-қоимаҳ, оти Муҳаммаданил-василата вал-фазилата вабъасҳу мақоман маҳмуданиллазӣ ваъадтаҳу, шафоати ман дар рӯзи қиёмат бар ӯ ҳосил мегардад." "Эй Парвардигори ин даъвати комил ва ин намози барпоистода, ба Муҳаммад васила ва фазилатро ато кун ва ӯро ба мақоми маҳмуде, ки ваъда додаӣ, бирасон

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар кас ҳангоми шунидани азон бигӯяд: Аллоҳумма рабба ҳозиҳид-даъватит-томмаҳ вас-салотил-қоимаҳ, оти Муҳаммаданил-василата вал-фазилата вабъасҳу мақоман маҳмуданиллазӣ ваъадтаҳу, шафоати ман дар рӯзи қиёмат бар ӯ ҳосил мегардад." "Эй Парвардигори ин даъвати комил ва ин намози барпоистода, ба Муҳаммад васила ва фазилатро ато кун ва ӯро ба мақоми маҳмуде, ки ваъда додаӣ, бирасон."
[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён мекунад, ки ҳар кас пас аз шунидани азон, вақте ки азон поён ёфт, ин дуоро бихонад: (اللَّهُمَّ رَبَّ هَذِهِ الدَّعْوَةِ) — Эй Парвардигори ин даъвати комил, (التَّامَّةِ) — даъвати пурра ва комил, ки даъвати тавҳид ва рисолат аст. (وَالصَّلَاةِ القَائِمَةِ) — ва намозе, ки барпо хоҳад шуд, (آتِ) — бидиҳ, ато кун, (مُحَمَّدًا الوَسِيلَةَ) — ба Муҳаммад василаро, мақоми баланди дар ҷаннат, ки танҳо барои ӯст, (وَالفَضِيلَةَ) — ва фазилат, яъне мақоме болотар аз мақоми ҳамаи махлуқот, (وَابْعَثْهُ مَقَامًا مَحْمُودًا) — ва ӯро ба мақоми маҳмуд бирасон, мақоме ки соҳиби он ситоиш мешавад, ин ҳамон шафоати бузург аст дар рӯзи қиёмат, (الَّذِي وَعَدْتَهُ) — он мақоме ки Ӯ (Аллоҳ) ба Паёмбар ваъда додааст, чунон ки дар оят омадааст: (Умед аст, ки Парвардигорат туро ба мақоми маҳмуд (ситуда) барангезад). То инки он мақом аз они Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бошад. Ҳар кас ин дуоро пас аз азон бихонад, сазовори шафоати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар рӯзи қиёмат мегардад ва барои ӯ воҷиб мегардад.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee